## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Раҷабалӣ Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, (ш. Душанбе, 2026 -39 саҳ)**

Афзоиши устувори шумораи воситаҳои нақлиёт дар солҳои охир боиси зиёд гардидани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ҳам дар шоҳроҳҳо ва ҳам дар кӯчаҳои маҳалҳои аҳолинишин гардида, дар натиҷа ба расонидани зарари ҷиддии ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо ба оқибатҳои вазнин ва бебозгашт барои ҳаёт ва саломатии инсон оварда мерасонад. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳар сол садҳо кӯдак қурбонии чунин ҳодисаҳо мегарданд. Сарфи назар аз корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, мушкилоти ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёти баландсуръат вазъи роҳро ба таври ҷиддӣ мураккаб мегардонад. Илова ба ин, ба омилҳое, ки ба зиёд шудани шумораи садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва ҷароҳатҳои вазнин ба саломатии одамон мусоидат мекунанд, метавон афзоиши нақлиёти боркаш ва мусофиркаш, сатҳи пасти касбият ва малакаи ронандагон ва як қатор омилҳои дигарро нисбат дод.

Ҷанбаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мавриди баррасӣ таҳлили амиқи назарияивиро талаб менамоянд. Амалия нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ҳамоно мушкилоти зиёд ба миён меоянд, ки ба сифати паст ва вокуниши саривақтии мурофиавӣ нисбат ба иттилооти воридшуда дар бораи ҷиноят вобаста мебошанд. Масалаҳои татбиқи амалияи тафтишӣ вобаста ба тафтиши садамаҳои нақлиётӣ асоси автореферати диссертатсияи Саидзода Раҷабалӣ Ҳокимҷонро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 39 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва

тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити тағйирёбии иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ нақши нақлиёт дар ҳаёти ҷомеа пайваста меафзояд. Нақлиёт имрӯз яке аз омилҳои асосии таъмини ҳаракати озодонаи аҳолӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва робитаҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ мебошад.

Истифодаи ҳамарӯзаи автомобилҳои шахсӣ, афзоиши нақши воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, инчунин густариши дигар навъҳои нақлиёт ба ташаккули тарзи нави зиндагии иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ҷанбаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мавриди баррасӣ таҳлили амиқи назариявиро талаб менамоянд. Амалия нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ҳамоно мушкилоти зиёд ба миён меоянд, ки ба сифати паст ва вокуниши саривақтии мурофиавӣ нисбат ба иттилооти воридшуда дар бораи ҷиноят вобаста мебошанд.

Ҳамзамон, механизми ягона ва дақиқи ҳамкории байни хадамоту сохторҳои гуногун ҳангоми анҷом додани амалҳои аввалини тафтишӣ дар ҷойи ҳодиса, инчунин дар раванди ташкил ва таъйини экспертизаҳои судӣ то ҳол таҳия нагардидааст. Масъалаҳои марбут ба марҳилаи ташкилию санҷишӣ ва зинаҳои минбаъдаи тафтиши ҷиноятҳои зикршуда, аз ҷумла таҳияи нақшаи тафтишӣ, ки ба ҳолатҳои воқеии парванда мутобиқат дошта бошад, дар муҳити илмӣ ва амалӣ ҳамоно баҳснок боқӣ мемонанд. Таҳлили амалияи тафтиш нишон медиҳад, ки гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо асосноккунии дурусти тактикӣ ва бо истифодаи донишҳои махсус аҳаммияти муҳим дорад.

Маҳз дар ҳамин замина муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Ин меъёр ҳифзи ҳуқуқи шастӣ ва молумулкӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҳаракати нақлиётро ба таври мутавозин таъмин менамояд. Бо вуҷуди мавҷуд будани танзими махсуси қонунгузорӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои садамаҳои нақлиётӣ, дар

назария ва амалияи криминалистика, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол як қатор масъалаҳои муҳими баҳснок пурра ҳал нагардидаанд.

Пеш аз ҳама, масъалаи муайян намудани тартиби дурусти тафтиши садамаҳои нақлиётӣ ва баҳогуҳории ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳо то ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Инчунин, масъалаи муайян намудани андозаи зарари расонидашуда ба ҷабрдида дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ мушкилоти назаррасро ба вуҷуд меорад. Қонунгузории амалкунанда тартиби дақиқи муайян намудани чунин зарарро пурра танзим накардааст. Ҳамаи ин омилҳо шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқи илмии масъалаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарӣ барои вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, таҳлили таҷрибаи тафтишӣ ва судӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ҳанӯз ҳам дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии назаррас мебошад.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани амалияи тафтишӣ, меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ин ҷиноят истифода шавад. Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои тафтиши садамаҳои нақлиётӣ саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ягон пешниҳод ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ накардааст. Ҳоло он, ки тафтиши ин ҷиноятҳо бе дарназардошти таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ғайриимкон

аст. Хуб мешуд, ки ба меъёри моддаи 212 КҶ ҶТ ва муқаррароти гуногуни КМҶ ҶТ ягон пешниҳодҳо менамудед.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи криминалистика пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Раҷабалӣ Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Олимзода Д.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н.Сино, Маяковски 32, хонаи 44,
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru,
Тел.: корӣ 228-91-92
Мобилӣ 939377772


«Имзои Олимзода Д.А.,-ро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академия Насурдинзода А.Н.


**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj


«28» 04 соли 2026